## ХУЛОСАИ НИҲОИИ
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-068 назди
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи
ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-
таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15-уми июни соли 2023, № 5

Барои сазовор донистани Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамкулович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамкулович дар мавзуи “Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, тахти № 306 ) рӯзи 7 апрели соли 2023, суратҷаласаи № 20 барои ҳимоя қабул шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамкулович 20-уми августи соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2017 факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси забони англисӣ хатм намудааст. Соли 2019 зинаи магистратураи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро аз рӯйи ихтисоси филология (забони англисӣ) хатм кардааст. Соли 2022 зинаи докторантура – доктори фалсафа (PhD)-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) бомуваффақият ба итмом расонидааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 2017 ба ҳайси ассистент дар кафедраи забони англисии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент оғоз кардааст. Аз соли 2020 инҷониб дар кафедраи зикргардида ба ҳайси муаллими калон фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Тураҳасанов Қодирқул Шодиқулович**, доктори илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими забону адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич,** номзади илми филология, дотсент, декани факултети забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисӣ, номзади илми филология, дотсент Олматова Шарофат Сафаралиевна, номзади илми филология, саромӯзгори кафедраи мазкур Фатҳуллоев Икромуддин Баротович, котиби илмии ҷаласа – омӯзгор Янгибоева Дилноза Бегмаҳмадова ва имзову мухри ректори муассиса, доктори илми биология, профессор Давлатзода Сайфиддин Хайриддин пешниҳод шудааст, зикр менамояд, ки диссертатсияи докторанти (PhD) Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Джахонгиров Ш. Х. Взгляд на историю и традиции таджикского гончарного мастерства / Ш. Х. Джахонгиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 3. – Душанбе, 2020. – С. 23-27.

[2-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти якҷузъаи мансуби кулолгарии забони тоҷикӣ ва аналоги онҳо дар забони англисӣ / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – № 5. – Душанбе, 2021. – С. 64-66.

[3-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Нақши истилоҳоти иқтибосии кулолгарӣ дар рушди таркиби луғавии забони англисӣ ва шарҳи онҳо ба забони тоҷикӣ / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. – № 4. қ. 2. – Бохтар, 2021. – С. 40-44.

[4-М]. Ҷаҳонгиров Ш., Ҷоматов С. С. Бозтоби истилоҳоти кулолгарии тоҷикӣ дар асари «Тоҷикон» -и Б. Ғафуров ва муодили англисии онҳо / Ш. Ҷаҳонгиров, С. С. Ҷоматов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. – № 4. – Душанбе, 2022. – С. 92-96.

[5-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Шарҳу тавзеҳи истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар се сарчашма / Ш. Ҷаҳонгиров // Ахбори Академияи милли илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – № 4 (269). – Душанбе, 2022. – С. 323-327.

[6-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ., Ҷаматов С.С. Таҳлили сохтории истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар асоси усули наҳвӣ / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров, С. С. Ҷаматов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – № 5 (100). – Душанбе, 2022. – С. 192-195.

[7-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Таҳлили сохтории истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар асоси усули сарфию наҳвӣ / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – № 5 (100). – Душанбе, 2022. – С. 195-201.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[8-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Нигоҳе ба таърих ва таомули кулолгарии дастии тоҷикон / Ш. Ҷаҳонгиров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент. – Панҷакент, 2021, № 3 – С. 245-248

[9-М]. Ҷаҳонгиров Ш., Ҷоматов С. Таснифоти мавзуии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ш. Ҷаҳонгиров, С. Ҷоматов // Масъалаҳои мубрами методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, забоншиносӣ, назария ва амалияи тарҷума. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – С. 137-140

[10-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Сермаъношавии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров // «Масъалаҳои мубрами

забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар макотиби таҳсилоти олӣ» (Маводи конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба «Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ» ва амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»). – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – С. 233-236

[11-М]. Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. Ҳамгуншавии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ш. Ҳ. Ҷаҳонгиров // «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар макотиби таҳсилоти олӣ» (Маводи конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба «Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ» ва амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»). – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – С. 236-239

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Дар **тақризи** номзади илми филология, дотсенти кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон, Саъдиева Гулистон Фатоевана роҷеъ ба мубрам ва актуалӣ будани мавзуъ, инчунин навгонӣ дар таҳқиқи илмии диссертант зикр гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

– муодили тоҷикии баъзе аз истилоҳот дар рисола ҷой дода нашудааст, агар муаллиф онҳоро тарҷума мекард, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид;

– дар баъзе аз саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд.

2. **Тақризи** номзади илми филология, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои Донишкадаи технология ва менеҷменти иноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, Чоршанбиева Зайнабхон Ашуровна дар маҷмуъ мусбат буда, дар он чунин эродҳо гирифта шудаанд:

– хуб мешуд, муаллиф дар раванди таҳқиқ дар баробари сермаъноӣ, ҳамгуншавӣ ва муродифшавӣ ба падидаи муттазодшавӣ дучор гардидани истилоҳоти кулолгариро низ таҳлилу баррасӣ мекард, ин боиси боз ҳам баландтар шудани арзиши илмии рисола мегардид.

– агар муаллиф мисолҳоро аз осори классикон ҷамъоварӣ менамуд, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид.

3. **Тақризи** номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сафарова Рухшона Бегназаровна низ мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

– дар баъзе саҳифаҳои автореферат (саҳ. 7,10,13,16,24) ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд, Хуб мешуд, агар муаллиф онҳоро ислоҳ менамуд;

– сарчашма ва асарҳои асосии дар таҳқиқот истифодагардида бо гунаи аслии русӣ оварда шудаанд. Агар муаллиф дар қавсайн тарҷумаи онҳоро ба забони тоҷикӣ пешниҳод менамуд, арзиши рисола боз ҳам баландтар мешуд.

4. **Тақризи** номзади илми филология, саромӯзгори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рудакӣ, Гулямов Ҳайдар Қаландарович мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

– дар бисёр саҳифаҳои рисола андешаву назари муаллиф такрор омадаанд (саҳ. 11, 24);

– дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва аломати китобат ба назар мерасанд, ки ислоҳ гаштани онҳо ба нафъи кор хоҳад буд (саҳ. 7, 10, 13).

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод намудаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни иҷро кардани таҳқиқи илмӣ чунин масъалаҳоро ҳаллу фасл намудааст:

- таҳлилу баррасии мафҳуми истилоҳ дар забоншиносӣ;
- мушаххас намудани сарчашмаҳои ташаккул ва такомули истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда;
- таҳлили решашиносии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани умумият, шабоҳат ва тафовути луғавию маъноии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикию англисӣ;
- таҳлилу баррасии хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда;
- муайян намудани роҳҳои иқтибосшавии истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ ба таркиби луғавии забонҳои тоҷикиву англисӣ;
- муайян намудани нақши усулҳои маъмули истилоҳсозӣ дар ташаккули истилоҳоти кулолгарӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** мазкурро таълифоти илмию назариявии пажуҳишгарони ватаниву хориҷӣ, А. А. Реформатский, А. В. Суперанская, Д. С. Лотте, Г. Смит, Э. Сепир, М. Н. Қосимова, Д. Саймиддинов, С. Сулаймонов, С. Назарзода, М. Султон, Ҳ. Саидов, С. Ҷоматов, П. Нуров, Ш. Ҳайитова, Ш. Каримов ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Диссертатсия дар заминаи** усулҳои тасвирӣ, типологӣ-муқоисавӣ, таҳлили ҷузъҳо ва таҳлили луғавию маъноӣ ва сохториву решашиносӣ таълиф гардидааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи** довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин таҳқиқ карда мешавад, ки таҳқиқоти анҷомёфта имкон фароҳам меорад, ки маълумотҳои зиёде оид ба омӯзиши истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ ва муқоисаи он байни забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ пайдо карда шавад, инчунин амалкарду рушди забонҳои тоҷикиву англисӣ дар заминаи муқоиса равшантар гарданд. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешбурд ва идома додани омӯзиши ҳамаҷониба, бонизом ва амиқтари истилоҳти кулолгарӣ мусоидат намояд. Маълумотҳои дастрасшуда дар асоси таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ арзишманд мебошанд.

Калимаву истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ, ҷузъе аз таркиби луғавии ҳар як забон ба шумор меравант. Истилоҳоти кулолгарӣ бо бисёр соҳаҳои истеҳсолот алоқаи ногусастанӣ дошта, муаррифгари ҳар қавму миллат ва тааммули шахс маҳсуб меёбад. Ин гурӯҳи истилоҳот ба яке аз қабатҳои муҳимми лексикаи илмии забонҳои тоҷикиву англисӣ мансуб буда, дорои хусусиятҳои сохториву маъноӣ мебошанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ:** нуктаҳои алоҳида ва натиҷаҳои таҳқиқ, ки дар шакли маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ муҳокима гаштаанд, ҳамчунин 11 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми диссертант, пеш аз ҳама, дар омӯзишу таҳлили адабиёти назариявӣ, шарҳи мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти кулолгарӣ, таҳлили решашиносии бархе аз истилоҳоти меҳварии кулолгарӣ, таҳқиқи хусусиятҳои луғавию маъноии истилоҳоти зикргардида, муайян намудани сермаъношавӣ, муродифшавӣ ва ҳамгуншавии истилоҳоти мавриди таҳқиқ, ҳамчунин таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси усулҳои асосии истилоҳсозӣ зоҳир мегардад.

Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори нахуст аз нигоҳи муқоисаву муқобала дар шакли диссертатсия анҷом дода шудааст. Дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқ – аз ҷамъоварии маводи амалӣ ва омӯзиши адабиёти назарӣ то таҳлилу баррасии онҳо диссертант мустақилона иштирок намуда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқунандаи истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ошкор намудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 15-уми июни соли 2023 дар бораи сазовор донистани Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 –

Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – 1.

Раисикунандаи шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Каримов Шуҳрат Бозорович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент Каримова Дилафруз Насибовна

15.06.2023